ПРОТОКОЛИ № 3
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-092

аз 12 ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд тасдиқгардида 13 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзуи “Фалсафаи Ибни Арабӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Назариев Р.З ва аъзоёни комиссия Мирзоев Ғ.Ҷ, Маҳмадова М.Ф, оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзуи “Фалсафаи Ибни Арабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзуи “Фалсафаи Ибни Арабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзуи “Фалсафаи Ибни Арабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Амирхон Шоҳусайн Талбонӣ - доктори илмҳои фалсафа, и.в.

профессор, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Латифӣ Зебинисо Абдулатиф - доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи факултети таърих ва ҳуқуқӣ МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- Султонзода Соқи Аслон - доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи забонӣ фарасавии факултети забонҳои Аврупо ва Осиёи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 07 январи 2027, соати 14^{00} муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа **Саид Н.С.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа **Ҳаитов Ф.Қ.**